**НУСХА АЗ СУРАТМАҶЛИСИ № 5**

**Оид ба баргузории ҷаласаи муштараки кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатӣ, кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

«10» январ 2023 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** мудирони кафедраҳо, дотсентон И.З. Саъдиев, П.И. Мирзоев, А. Саидмухторов, М. Аминов, профессорон А.Д. Ғафурзода, М.Т. Раупова, дотсентон Ф.М. Абдулхонов, Ҷ. Рустамзода, ассистентон П.Н. Изатуллозода, Қ. Саидов, И.М. Раҳимов унвонҷӯ И.И. Абдуалимзода ва корғузори кафедра Д. Расулова.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуалимзода Иброҳим Исмоил дар мавзӯи "Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ " зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор А.Д. Ғафурзода

Раискунандаи маҷлис, дотсент Саъдиев И.З. қайд намуд, ки масъалаи маҷлиси ғайринавбатии кафедраҳои муштаракро муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатӣ Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дар мавзӯи "Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ" зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор А.Д. Ғафурзода ташкил медиҳад.

Барои баёни мухтасари мубрамият, нуктаҳои асосӣ ва мазмуни рисола сухан ба унвонҷӯ Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дода шуд.

Баъди баромади Абдуалимзода И.И. аз ҷониби устодони кафедраҳо ба ӯ саволҳо дода шуд, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои қаноатбахш гардонид.

Раискунандаи маҷлис қайд намуд, ки нусхаҳои рисола ба устодони Академия Раупова М.Т. Мирзоев П.З., Каримов А.Қ. ва Абдулхонов Ф. пешакӣ тақсим гардида буд. Аз устодони мазкур хоҳиш карда шуд, ки андешаҳояшонро оид ба рисола дар ҷаласаи кафедра иброз намоянд.

Нахуст сухан ба д.и.ҳ., профессор Раупова М.Т. дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи илмии Абдуалимзода И.И. иброз намуда, қайд кард, ки рисолаи илмии унвонҷӯ дар сатҳи хуб омода шудааст. Ҳамзамон баъзе камбудиҳо мавҷуд буданд, ки унвонҷӯ онҳоро ислоҳ кардааст.

Сипас, н.и.ҳ., дотсент Мирзоев П.И. баромад намуда, қайд кард, ки аз таҳлили кори илмии унвонҷӯ Абдуалимзода И.И. бармеояд, ки он анҷомёфта мебошад. Дар маҷмуъ, рисола дар сатҳи бисёр хуб омода гардидааст, иброз намуд, дотсент Мирзоев П.И.

Баъдан, устод н.и.ҳ., дотсент Абдулхонов Ф. оид ба рисолаи илмии унвонҷӯи кафедра Абдуалимзода И.И. чунин изҳор намуданд, ки дар ҳақиқат рисола ба анҷом расидааст ва шакли комилро соҳиб аст. Ҳамчунин норасоиҳо ва камбудиҳое, ки қаблан дар кор мавҷуд буданд, бартараф шудааст. Талаботҳои пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба навиштани рисолаи илмӣ аз ҷониби унвонҷӯ пурра риоя карда шудааст. Бинобар ин, хуб мешавад, ки хулосаи кафедра ба унвонҷӯ дода шавад, то ки рисоларо барои баррасӣ ва корбарии баъдӣ ба ДМТ пешниҳод намояд.

Устоди кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатӣ Каримов А.Қ. иброз доштанд, ки Абдуалимзода И.И. яке аз унвонҷӯёни фаъоли кафедра ба ҳисоб рафта, дар навишти кори илмӣ сабку услуби ба худ хос доранд. Рисолаи илмии мазкур ба яке аз мавзуҳои муҳими ҳуқуқӣ бахшида шудааст. Рисолаи ба талаботҳои кори илмӣ мувофиқ мебошад. Баъзе аз нуқсонҳои хурде, ки дар рисола ҷой доранд, онҳо ба арзиши умумии рисола таъсир расонида наметавонанд. Вақти он расидааст, ки рисола ба Шӯрои дахлдори дифоъ пешниҳод карда шавад.

Раискунандаи маҷлис н.и.ҳ., дотсент Саъдиев И.З. низ андешаҳояшро оид ба рисолаи мазкур иброз намуд. Аз ҷумла, қайд кард, ки рисолаи илмӣ дар сатҳи баланд навишта шудааст ва аз ин рӯ, қобили дастгирӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, устодони кафедра дар ҳайати д.и.ҳ., профессор Ғафурзода А.Д,н.и.ҳ. Абдулхонов Ф.М, н.и.ҳ Рустамзода Ҷ.Ю, ки рисолаи илмиро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода буданд, хулосаи мусбати худро вобаста ба рисолаи мазкур иброз намуданд.

Қарор қабул карда шуд:

Рисолаи номзадии унвонҷӯ Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дар мавзӯи “Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи

ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат тавсия карда шавад;

1. Ба унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуалимзода Исмоил Иброҳим дар мавзӯи "Ташаккул ва рушди қонунгузории молиявии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ". зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор А.Д. Ғафурзода хулосаи мусбати кафедра дода шавад.

Бо ҳамин, ҷаласаи кафедра пӯшида эълон карда шуд.

Раискунандаи маҷлис:
Мудири кафедраи
ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Саъдиев И.З.

Котиби маҷлис:
Коргузори кафедра Расулова Д.

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академия Ҳамидов.Ш.Б.
"10" январ 2023